# ПРОТОКОЛИ № 7- и

чаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-010-и назди
Донишгоҳи миллииТоҷикистон

аз «5» феврали соли 2026 ш.Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои
диссертатсионӣ 14 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

5 феврали соли 2026 соати 13:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-010 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа 15:20

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои химия Бекназарова Н.С.

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «19» «январи» соли 2022 тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 14 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Олимзода Шафоат Эргаш дар мавзуи «Синтез ва модификатсияи кислотаҳои холан бо эфирҳои аминокислотаҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.4. Химияи органикӣ.

Диссертатсия дар озмоишгоҳи «Химияи глитсерин»-и ба номи д.и.х., профессор, узви вобастаи АМИТ Кимсанов Б.Ҳ., назди Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи ташхиси клиникӣ - озмоишгоҳии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Самандарзода Насрулло Юсуф мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Пулатов Элмурод Холиқулович** – доктори илмҳои химия, сарходими илмии озмоишгоҳи «Синтези органикӣ»-и Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

2. **Акбарова Мунира Муҳиддиновна** – номзади илмҳои химия, дотсент, декани факултети илмҳои дақиқи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе.

3. **Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

1. Раиси шуро: Раҳимова М.
2. Котиби илмии шуро: Бекназарова Н.С.

Унвонҷӯ: Олимзода Шафоат Эргаш.

Олимзода Ш.Э. ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои химия профессорон Раҷабов У.Р., Бандаев С.Г., доктори илмҳои химия Раҳмонов Р.О., докторони илмҳои техникӣ, профессорон Рузиев Дж.Р., Самиҳов Ш.Р. ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои химия – Самандарзода Насрулло Юсуф шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

1. Пулатов Элмурод Холиқулович – доктори илмҳои химия;
2. Акбарова Мунира Муҳиддиновна – номзади илмҳои химия, дотсент.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Гулов Тоир Ёрович – доктори илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи химияи органикӣ ба биологияи факултети химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Тақриз бе эрод аст.

2. Бердиева Парвина Инъомҷоновна – номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи органикӣ ва амалии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров». Тақриз бе эрод аст.

3. Абдуллоев Тоҳир Ҳасанбоевич – доктори илмҳои химия, и.в. сарходими илмии озмоишгоҳи синтези органикии Институти кимиёи ба номи В.И.Никитин АМИТ. Тақриз бе эрод аст.

4. Шарофзода Фаррух Сафолбек – доктори илмҳои химия, ходими калони илмии МИТ «Маркази инноватсионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ»-и АМИТ бо чунин эрод:

1. Аз ҷумла дар баъзе бахшҳои кор ғалатҳои оморӣ мушоҳида мешаванд, ки ба тарзи пешниҳоди натиҷаҳои таҷрибавӣ, коркарди оморӣ ва тафсири маълумотҳо алоқамананданд. Дар баъзе мавридҳо нишондиҳандаҳои оморӣ бе ишора ба шумораи намунаҳо, хатои стандартӣ ё дараҷаи эътимоднокӣ оварда шудаанд, ки метавонанд боиси норавшанӣ дар арзёбии саҳеҳии натиҷаҳо гардад.

2. Ҳамчунин, дар матни рисола як қатор хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ ба чашм мерасанд. Ин хатогиҳо бештар дар истифодаи

истилоҳоти илмӣ, навишти номҳои пайвастаҳои химиявӣ, мувофиқати замонаҳо ва сохтори ҷумлаҳо дида мешаванд, ки онҳо танҳо хусусияти мубоҳисавӣ доранд.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони расмӣ, ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – доктори илмҳои химия профессор Раҳмонов Р.О. (раис), доктори илмҳои техникӣ, профессор Самиҳов Ш.Р. (аъзо) доктори илмҳои химия Мабатқадамзода К.С. (аъзо), интихоб гардиданд.

Аз 14 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуданд: аз инҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил– нест, бюллетени беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Олимзода Шафоат Эргаш додани дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.4. Химияи органикӣ қабул гардид.

## ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-010-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «5» феврали соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии Олимзода Шафоат Эргаш дар мавзуи «Синтез ва модификатсияи кислотаҳои холан бо эфирҳои аминокислотаҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.4. Химияи органикӣ, тақризи муассисаи пешбар – номзади илмҳои химия, муаллими калони кафедраи химияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Сангов М.М., суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои химия, сарходими илмии озмоишгоҳи «Синтези органикӣ»-и Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Пулатов Э.Х., – номзади илмҳои химия, дотсент, декани факултети илмҳои дақиқи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе Акбарова М.М., муқарризони ғайрирасмӣ доктори илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи химияи органикӣ ба биологияи факултети химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Гулов Т.Ё., номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи органикӣ ва амалии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров» Бердиева П.И., доктори илмҳои химия, и.в. сарходими илмии озмоишгоҳи синтези

органикии Институти кимиёи ба номи В.И.Никитин АМИТ Абдуллоев Т.Ҳ., доктори илмҳои химия, ходими калони илмии МИТ «Маркази инноватсионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ»-и АМИТ Шарофзода Ф.С.– ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Олимзода Ш.Э.

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Олимзода Шафоат Эргаш дар мавзуи «Синтез ва модификатсияи кислотаҳои холан бо эфирҳои аминокислотаҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.4. Химияи органикӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Олимзода Шафоат Эргаш дараҷаи илмии номзади илмҳои химия дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои химия ба Олимзода Шафоат Эргаш аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои химия Бекназарова Н.С.

аз «5» феврали соли 2026